# ҶАШНИ НАВРӮЗ ҲУМОЮН БОД!

ИНСОН, ҲУҚУҚ ВА ОЗОДИҲОИ Ӯ АРЗИШИ ОЛӢ МЕБОШАНД

# МИНБАРИ ҲУҚУҚШИНОС

E-mail: law.tnu.tj@gmail.com

НАШРИЯИ ФАКУЛТЕТИ ҲУҚУҚШИНОСИИ ДМТ **** № 3 (195) 20-УМИ МАРТИ СОЛИ 2024, ЧОРШАНБЕ



Фаро расидани Наврӯз паёме аз баробар гардидани шабу рӯз, зинда шудани табиат, оғози соли нав ва мавсими киштукор мебошад.

Мехоҳам бо ифтихор иброз намоям, ки Наврӯз барои мо баробар бо Рӯзи истиқлоли давлатӣ бисёр азизу гиромӣ мебошад, зеро маҳз ба шарофати истиқлолу озодӣ мо ойину суннатҳои деринаи миллии худ, аз ҷумла Наврӯзро эҳё намудем.

Қобили зикр аст, ки бо дарназардошти моҳият ва табиати башардӯстонаву инсонгароёнаи Наврӯз аз соли 2010 сар карда, ин ойини бостонӣ ҳамчун ҷашни байналмилалӣ ҷашн гирифта мешавад.

Аслан Наврӯз ва ҳикмату фалсафаи он бар пояи бузургдошт ва ситоиши инсон, сарфи назар аз мансубияти диниву мазҳабӣ ва мақоми иҷтимоӣ, баробарӣ, таҳаммулгароӣ, авфу бахшиш, оғози саҳифаи нав дар зиндагӣ ва дар маҷмуъ, сулҳу субот бунёд гардидааст.

Ин ҳама арзишҳои ҷовидонӣ ва аҳаммияти умумибашарии Наврӯз барои мо – тоҷикон дар баробари забони ширину шевои тоҷикӣ, таърих, илм ва адабиёту фарҳанги пурғановати бо ин забон таълифшуда мояи ифтихору сарфарозӣ ва беҳтарин василаи худшиносиву худогоҳӣ мебошад.

Мо ҳамчунин, ифтихор дорем, ки дар асри бисту якум, яъне дар замони рушди босуръати илму техника ва технологияҳо Наврӯз бо таърихи шашҳазорсолаи худ ҳанӯз зинда аст, дар қалби ҳар яки мо ҳамчун ҷузъи ҷаҳонбиниву ҷаҳоншиносии наслҳо решаҳои амиқ дорад ва ниёзҳои маънавию иҷтимоии мардуми моро қонеъ мегардонад.

Эмомалӣ РАҲМОН

## ДАР ИН ШУМОРА:

ИҚДОМИ АРЗИШМАНД БАРОИ ОЛИМОНУ МУҲАҚҚИҚОН — с. 2

ҚАДАМИ УСТУВОРУ БОВАРИБАХШ ДАР САМТИ ОЗОДИИ ВИҶДОН ВА ЭЪТИҚОДИ ДИНӢ — с. 3

МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚӢ ОМИЛИ МУҲИММИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ ДОНИШҲОИ ҲУҚУҚИИ АҲОЛӢ — с. 4-5

ТАҲДИДИ ХАТАРИ ВОСИТАҲОИ НАШЪАДОР ВА ЗАРАРИ ОН БА САЛОМАТИИ ИНСОН — с. 6

ТОҶИКИСТОН ВАТАНИ НАВРӮЗ АСТ. — с. 7

НАВРӮЗ – ҶАШНИ СУРУРИ МИЛЛӢ — с. 8

МИНБАРИ ҲУҚУҚШИНОС

**Муассис:**
Факултети
ҳуқуқшиносии ДМТ
www.law.tnu.tj

**Сармуҳаррир:**
Миралӣ
СОБИРОВ
www.law.tnu.tj@gmail.com

**Муовини сармуҳаррир:**
Азимҷон ҶУРАЕВ
**Муҳаррир:**
**Яқуб ҲАКИМОВ**
**Тарроҳ:**
Акмал Шарипов

**ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:**
**Мирзозода П.З.**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, декани факултети ҳуқуқшиносӣ;
**Сафарзода Б.А.**
профессори кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ;
**Маҳмудов И.Т.**
мудири кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ;
**Раҳимзода М.С.**
муовини декан оид ба илм ва инноватсия;
**Сулаймонов Ф.С.**
дотсенти кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ.

**ҲАЙАТИ МУШОВАРА:**
**Насриддинзода Э.С.**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, узви вобастаи АМИТ, ректори ДМТ.
**Ватанзода М.М.**
Муовини аввали раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ.
**Раҳмон Д.С.**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, ректори ДДК ба номи А. Рӯдакӣ.
**Маҳмудзода М.А.**
профессори кафедраи ҳуқуқи граждани, академики АМИТ.
**Раҳимзода М.З.**
профессори кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат, узви вобастаи АМИТ.

**ШАРТҲОИ ҚАБУЛИ МАВОД:**
Дастнавис қабул карда намешавад.
Мавод бояд бо ҳуруфи Times New Roman Tj 14 ҳуруфчинӣ шуда бошад.
Рӯзнома на ба ҳамаи андешаи муаллифон мувофиқ аст ва ақоиди мухталифро ба хотири риояи чандандешӣ ба табъ мерасонад.
Рӯзнома дар Вазорати фарҳанги ҶТ таҳти №0336/рз аз 18-уми марти соли 2016 ба қайд гирифта шудааст.

Нишонии идора: ш. Душанбе, Буни Ҳисорак, шаҳраки Донишҷӯён, факултети ҳуқуқшиносии ДМТ.
Телефон: (+992) 918-15-05-05
(+992) 988-15-73-73
Теъдод: 1000
Навбатдори шумора:
**Шерзода Бурҳоналӣ**

# ИҚДОМИ АРЗИШМАНД БАРОИ ОЛИМОНУ МУҲАҚҚИҚОН



Дар партави сиёсати маорифпарваронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бахшида ба «Соли маърифати ҳуқуқӣ», «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф барои солҳои 2020-2040», «Барномаи давлатии тайёр кардани кадрҳои сатҳи баланди илмӣ барои солҳои 2021-2030» ва иҷрои дастуру супоришҳои Пешвои муаззами миллат ҷиҳати баланд бардоштани сатҳу сифати корҳои илмӣ, аз ҷумла рисолаҳои номзадӣ ва докторӣ, рушди сармояи инсонӣ, тақвияти иқтидори зеҳнӣ, инчунин ба ҳам пайвастани илм ва истеҳсолот бо ташаббуси ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон узви вобастаи АМИТ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор муҳтарам Насриддинзода Эмомалӣ Сайфиддин омӯзгорону кормандони асосии донишгоҳ, ки аз 28.02.2024 то 31.12.2024 рисолаи номзадӣ ҳимоя мекунанд бо маблағи 20 ҳазор сомонӣ ва барои онҳое, ки рисолаи докторӣ ҳимоя мекунанд бо маблағи 30 ҳазор сомонӣ мукофотонида мешаванд.

# ПАЙВАНДИ ИЛМ БО АМАЛИЯ

Нимаи аввали рӯзи 7 марти соли 2024 дар доираи курси махсуси "Далел ва исботкунӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ" бахшида ба "Соли маърифати ҳуқуқӣ" воҳӯрии судяҳои суди ноҳияи Синои шаҳри Душанбе Мустафозода Шаҳриёр, Раҳмон Далер Сафарбек ва Сайфуллозода Нодира бо донишҷӯёни курси чоруми шуъбаи рӯзонаи ихтисосҳои назди кафедраҳои ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ, ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносӣ баргузор гардид.

Нахуст меҳмонон аз зарурияти эълон шудани соли маърифати ҳуқуқӣ андешаронӣ намуда, иброз доштанд, ки масъалаи вусъат додани корҳои фаҳмондадиҳӣ ҷиҳати боло бурдани донишҳои ҳуқуқии ҷавонон, донишҷуён, тарбияи онҳо дар рӯҳияи хештаншиносӣ ва арҷгузорӣ ба дастовардҳои соҳибихтиёрии давлатӣ, пешгирии омилҳои гаравидани ҷавонон ба гурӯҳҳои ифротиву террористӣ ва созмонҳои тундрав, дар зеҳну тафаккур ва замири онҳо тарбия ва ҷой





кардани андешаи хизмати содиқона ба халқу Ватани азизамон пайваста дар маркази таваҷҷуҳи ҳамешагии тамоми сохторҳои давлатӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ қарор дода шавад.

Дар идомаи дарс ба донишҷуён аз махсусияти баррасӣ ва исботи категориҳои муайяни парвандаҳои ҷиноятӣ аз ҷониби судяҳо, аз қабили ҷиноятҳои киберӣ, дигар ҷиноятҳои фаромиллӣ, савдои одам, таъмини амнияти компютерӣ, экстремизму терроризм маълумот дода шуд. Инчунин, оид ба нақши суд дар раванди исботкунӣ, ҷамъоварӣ, таҳқиқ ва баҳодиҳии далелҳо, моҳияти преюдитсия, истифодаи натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ бо парвандаҳои ҷиноятӣ ба донишҷуён маълумоти муфассал пешниҳод карда шуд.

# МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚӢ – АСОСИ ҲУҚУҚИИ ПЕШРАФТИ ТОҶИКИСТОНИ СОҲИБИСТИҚЛОЛ

Санаи 27 феврали соли 2024 дар маҷлисгоҳи хобгоҳи 8 ДМТ бо мақсади иҷрои нақшаи чорабиниҳои тарбиявии раёсати ДМТ ва факултети ҳуқуқшиносӣ, маҳфили тарбиявӣ-тарғиботӣ дар мавзуи маърифати ҳуқуқӣ-асоси ҳуқуқии пешрафти Тоҷикистони соҳибистиқлол аз ҷониби н.и.ҳ., дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи байналмилали Қодиров Н.А. бо иштироки сармутахассиси бахши хобгоҳҳо Раҳматулло



Саидов, муовинони декан оид ба корҳои тарбиявӣ Негматов Б.С., Саломзода И.И., сардори шӯрои кураторон Исмонализода С.И., н.и.ҳ. дотсенти кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат Мансурӣ Шодмон, ассистенти кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат Абдулазизи А. ва доираи васеи донишҷӯён баргузор гардид.

Дар идомаи сӯҳбат масъулин аз донишҷӯён даъват ба амал оварданд, ки ҳангоми истифодаи шабакаҳои иҷтимоӣ эҳтиёткорона муносибат намуда, аз шомилшавӣ ба ҳизбу ҳаракатҳои террористию экстремистӣ худдори намоянд.

# АРМУҒОНЕ ДАР ҲОШИЯИ "СОЛИ МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚӢ"

Ҳамкориҳои муфид ва судманд миёни раёсати Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷумлаи онҳо мебошад, ки беш аз ҳар вақти дигар тақвият ёфта истодааст.

Шоистаи зикр аст, ки соли 2024 бо ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар кишвар "Соли маърифати ҳуқуқӣ" эълон гардид. Санаи 27 феврали соли ҷорӣ дар доираи ҳамкориҳои муштарак дар ҳошияи "Соли маърифати ҳуқуқӣ" ҳамчун армуғон аз ҷониби Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, генерал-полковники адлия Раҳмон Юсуф Аҳмадзод ба Донишгоҳи миллии Тоҷикистон 100 (сад) адад китоби дарсии "Назорати прокурорӣ" ба таври ройгон тақдим карда шуд.




Раёсати Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз иқдоми навбатии пешгирифтаи роҳбарияти Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, хосатан муаллифи китоби мазкур Прокурори генералӣ муҳтарам Раҳмон Юсуф Аҳмадзод, ки дар самти баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии донишҷӯён, сатҳу сифати таълим, омода кардани мутахассисони варзида ва кадрҳои лаёқатманди илму амалияи ҳуқуқшиносӣ мусоидат менамояд, нек пазироӣ карда, барои дастрас кардани китоби дарсии мазкур изҳори сипос менамояд.

**Масъули саҳифа**
**Яқуб ҲАКИМОВ**

# ҚАДАМИ УСТУВОРУ БОВАРИБАХШ ДАР САМТИ ОЗОДИИ ВИҶДОН ВА ЭЪТИҚОДИ ДИНӢ

**(Андешаҳо дар ҳошияи мулоқоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо намояндагони аҳли ҷомеа ва ходимони дин)**



Истиқлоли давлатӣ дар таърихи миллати тамаддунофар ва фарҳангсолори тоҷик падидаи шоиставу ибратбахш ва омӯхтанӣ ба шумор рафта, баъди муддати дароз ва кӯшишу захмати абармардони миллат дубора ба даст омадаву рисолати таърихиашро имрӯз идома медиҳад. Таърих гувоҳ аст, ки баъди барҳам хӯрдани давлати миллии тоҷикон – Сомониён халқи тоҷик муддати дарозе бе давлатдории мустақили миллӣ монда буд. Хушбахтона, дар оғози солҳои 90-ум ба мо муяссар гардид, ки дубора давлати соҳибихтиёру мустақил бунёд намоем. Гарчанде ки душманони миллат ва гурӯҳҳои манфиатхоҳ борҳо кӯшиши рахна намудани истиқлолият ва ба коми нестӣ кашидани ин давлат ва ин сарзамини муқаддасро намуданд, вале тирашон хок хӯрдаву мақсадҳои нопокашон амалӣ нагардид. Ин аст ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пайваста дар суханрониҳояшон бобати арзишҳое, ба монанди истиқлолу озодӣ таъкидҳои судманд намуда, ҷавонону наврасонро ҳамчун меросбарони ояндаи давлату миллат эътироф менамоянд.

9 марти соли 2024 дар "Кохи Ваҳдат" Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо масъулини мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, намояндагони фаъоли аҳли ҷомеа, олимон ва ходимони дин мулоқот намуда, вобаста ба равандҳое, ки дар ҷаҳони муосир идома доранд, аз ҷумла бархӯрди фарҳангу тамаддунҳо, тафриқа ва низоъҳои диниву мазҳабӣ, густариши бесобиқаи терроризму экстремизми динӣ ва монанди инҳо, ки василаи истифодаи қувваҳои гуногуни манфиатхоҳ гардидаанд, ҳамзамон таъсири номатлуби терроризму экстремизми динӣ ба ҷомеа ва давлат андешаронӣ намуданд.

Сарвари давлат мардуми кишварро дар моҳи Рамазон ба хайру садақот, некию накукорӣ ва амалҳои неку ҳамидаи инсонӣ даъват намуданд ва барои рафъи камбудиҳои дар ин самт ҷойдошта ба масъулин супоришҳои мушаххас доданд.

Баланд бардоштани сатҳи фарҳанг ва ахлоқи ҳамидаи инсонӣ, дарки арзишҳои миллӣ яке аз ҳадафҳои асосии давлату Ҳукумат ба ҳисоб рафта, дар ин самт корҳои назаррас анҷом дода мешаванд. Маҳз фаъолияти босамари Пешвои миллат ва мақомоти давлатӣ мебошад, ки имрӯз миллати тоҷик ва мардуми шарифи Тоҷикистон аз хувияти миллиашон огоҳ буда, бо ҳисси баланди худшиносию худогоҳӣ барои пешрафти тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ кӯшиш ба харҷ медиҳанд.

Аз давраи ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ то имрӯз ҳазорон нафар соҳибкорону тоҷирон, шахсони саховатпеша ва афроди бонангу номуси ҷомеа сиёсати инсондӯстонаи давлату Ҳукумат ва Пешвои муаззами миллатро дастгирӣ намуда, дар пешрафти соҳаҳои хоҷагии халқи мамлакат саҳм мегузоранд.

Ба ҳамаи онхое, ки иқдоми наҷибу созандаи давлату Ҳукуматро пайваста дастгирӣ намуда, дар пешрафти ватани маҳбубамон саҳм мегузоранд, Роҳбари давлат шахсан изҳори сипос намуда, чунин изҳор намуданд: "Ана ин аст кори савобу амали хайр, ки боиси ризоияти Худованд гардида, савобу самараи ин амалҳои нек ба ҳафт пушти инсон мерасад ва дар номаи аъмоли ҳам худаш ва ҳам гузаштагонаш, ки ин гуна фарзанди солеҳро ба камол расонидаанд, навишта мешавад". Воқеан, амали онҳое, ки то имрӯз беморхонаву бунгоҳҳои тиббӣ, роҳу пул, мактабу муассисаҳои таълимӣ, кӯдакистонҳо, ҳамзамон корхонаҳои саноатӣ ва дигар иншооти таъйиноти гуногунро бунёд намуда, шумораи зиёди сокинони мамлакатро бо ҷойи кор таъмин намудаанд, шоёни таҳсину офарин мебошад.

Истиқлоли давлатӣ дар самти озодии виҷдон ва эътиқоди динӣ шароити созгору мусоид муҳайё намуда,



**Ҷаҳонгир САЪДИЗОДА
мудири кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ**

имрӯз шаҳрвандони мо имкон доранд фаризаҳои диниашонро озодона анҷом диҳанд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаҳои ҳуқуқӣ ва кафолатҳои мукаммали ҳуқуқи инсон ба озодии виҷдон ва эътиқоди динӣ мавҷуд мебошад. Озодии виҷдон ва эътиқоди динӣ дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мустаҳкам гардида, ҳамзамон дар дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ", "Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон", Консепсияи сиёсати давлатӣ дар соҳаи дин ва ғайра мавриди танзим қарор гирифтааст.

Маҳз Истиқлоли давлатӣ ва бунёди давлату давлатдории миллӣ сабаб гардид, ки миллати тамаддунсолори тоҷик дубора имконият пайдо намуд арзишҳои миллӣ ва диниашро эҳё созад ва мардум ба дину мазҳаби аҷдодӣ, пирони илму адаб ва бузургони илму хирад, ба монанди Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ, Абуалӣ ибни Сино, Абдураҳмони Ҷомӣ, Муҳаммади Хуҷандӣ, Абурайҳони Берунӣ, Муҳаммади Ғаззолӣ, Носири Хусрави Қубодиёнӣ, Мир Саид Алии Ҳамадонӣ ва ғайра бохабар гардида, аз осори гаронарзиши онҳо бархӯрдор бошанд ва дар симои ин олимону орифон миллати решабатаърихи тоҷикро ба ҷаҳониён муаррифӣ намоянд. Эҳё ва бознашри асарҳои гаронарзиши олимону донишмандони миллати тоҷик дастоварди даврони соҳибихтиёрӣ буда, ҳамчун меваҳои ширини аз ҷониби аҷдодонамон коштаву замони соҳибдавлатӣ самар оварда, барои рушди имрӯз ва минбаъдаи давлату миллат ва баланд бардоштани ҳисси худшиносию худогоҳии шаҳрвандон заминаҳои муҳими маънавию ахлоқӣ фароҳам меоваранд.

Яке аз унсурҳои муҳими тамаддуну фарҳанг, ки метавонад миллати куҳанбунёди тоҷикро дар арсаи байналмилалӣ муаррифӣ намояд, ин расму ойинҳои миллӣ ва маросиму идҳои динӣ ба шумор меравад. Имрӯз мардуми шарифи Тоҷикистон тахти парчами сулҳу субот ва бо шукргузорӣ аз давлати соҳибистиқлолу соҳибихтиёр имкон доранд ҷашну маросими миллию динӣ, аз ҷумла Наврӯз, Меҳргон, Сада, Тиргон, ҳамчунин идҳои Рамазону Қурбонро ҷашн гиранд. Таҷлили ин ҷашнвораҳо ҷузъи ҷудонашавандаи фарҳанги миллӣ маҳсуб шуда, ифтихор аз ниёгон, давлату давлатдорӣ ва таърихи куҳанбунёди миллати тоҷик ба ҳисоб меравад.

Озодии виҷдон ва эътиқоди динӣ яке аз ҳуқуқҳои асосӣ дар низоми ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд маҳсуб шуда, дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон кафолат дода шудааст. Бо мақсади фароҳам овардани шароити мусоид ба шаҳрвандони мамлакат барои амалӣ намудани озодии виҷдон ва озодии пайравӣ ба дин Ҳукумати Тоҷикистон корҳои муҳим ва назаррасро ба анҷом расонидаву мерасонад. Аз ҷумла, таҷлил намудани бузургдошти шахсиятҳои бузурги таърихӣ, фарзандони фарзонаи миллати тоҷик, ба монанди Абуҳанифа Нуъмон ибни Собит, ки машҳур бо номи Имоми Аъзам аст, Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ, Абуалӣ ибни Сино, Абдураҳмони Ҷомӣ, Муҳаммади Хуҷандӣ, Абӯрайҳони Берунӣ, Муҳаммади Ғаззолӣ, Носири Хусрави Қубодиёнӣ, Мир Саид Алии Ҳамадонӣ ва дигарон, ҳамзамон ба забони тоҷикӣ тарҷума, нашр ва ба мардуми Тоҷикистон дастрас гардонидани Қуръони Карим далели гуфтаҳои боло аст. Тавре Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ишора намуданд: "Мо тасмим гирифтаем, ки ин гуна иқдом, аз ҷумла нашри тоҷикии матни Қуръони Каримро минбаъд низ идома диҳем, то ин китоби муқаддас барои пок нигоҳ доштани асолати динии мардумамон дар ҳар хонадони мамлакат мавҷуд бошад".

"Тоҷикистон аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолӣ ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ҳамчун арзиши олӣ муносибат намуда, барои амалӣ гардонидани онҳо усулу воситаҳои зарурияро дар сохтори давлатӣ ташаккул дод" – иброз намуданд зимни мулоқот Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон. Дарвоқеъ, пас аз касби Истиқлоли давлатӣ дар сатҳи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ ҳамчун арзиши олӣ эълон гардиданд. Давлати мо дар самти ҳуқуқу озодиҳои инсон ба дастовардҳои назаррас ноил шуда, дар ин давра муҳимтарин санадҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шуданд ва қонунгузории миллӣ бо меъёру стандартҳои байналмилалӣ мувофиқ кунонида шуд.

**(давом дорад)**

# МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚӢ ОМИЛИ МУҲИМИ БАЛАНД

**“Дар раванди бунёди ҷомеаи пешрафта ва адолатпарвар масъалаи ташаккули маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон нақши калидӣ дорад”.**

**Эмомалӣ Раҳмон**

Боиси хушбахтӣ ва ифтихормандии кулли мардуми шарафманди Тоҷикистон аст, ки имрӯзҳо мо дар Ватани маҳбубамон дар фазои сулҳу субот, ваҳдат ва амнияти комил зиндагӣ менамоем.

Соли чорӣ дар Тоҷикистони азиз сиюмин солгарди қабули нахустин қонуни асосӣ – Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол таҷлил мегардад, ки дар ин айёми на он қадар дарозои таърихии пур аз дастоварду музаффарияти миллӣ бо шарофати заҳмату талошҳои аҳлонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қонуни асосӣ ҳамчун санади муҳимми сиёсиву ҳуқуқӣ барои эъмори давлати озоду мустақили миллӣ, ки ҷавҳари аслии онро низоми демократӣ, ҳуқуқбунёдӣ, дунявӣ ва иҷтимоӣ ташкил мекунад, заминаи ҳуқуқӣ гузошт.

Нахустин бор дар таърихи давлатдории миллати тоҷик 6 ноябри соли 1994 Конститутсияи Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон ба сифати қонуни асосии кишвар бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ қабул гардид. Ҳамчунин бо дарназардошти дастовардҳои нави миллӣ ислоҳоти конститутсионӣ гузаронида шуда, марҳилаи нави такмили сохтори конститутсионӣ оғоз гардид ва он имкон дод, ки 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйиру иловаҳо ворид шуда, мазмуну муҳтавои низоми ҳуқуқии кишвар такмил ва асосҳои демократӣ, ҳуқуқбунёдӣ ва дунявии он таҳким ёбад. Конститутсия аз ғояи ҳокимияти халқ, ки моҳияти соҳибихтиёрии халқро дар бар мегирад, сарчашма гирифта, дар он асосҳои сохтори конститутсионӣ, кафолати ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, таҷзияи ҳокимияти давлатӣ, дахлнопазирии ҳудуди кишвар, забони давлатӣ, рамзҳои давлатӣ, асосҳои иқтисодиву сиёсӣ, иҷтимоиву фарҳангии давлат ва ҷомеаи Тоҷикистон таҷассуми худро пайдо намудаанд.

Дар Паёми имсолаи Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба мақоми олии намояндагӣ ва қонунгузорӣ – Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санаи 28 – уми декабри соли 2024 низ оид ба аҳамият ва нақши Конститутсияи кишвар дар рушди давлатдории миллӣ, таъмини сулҳу суботи сиёсӣ, оромиш ва осоиши мардум, амният ва ваҳдати миллӣ чунин ибраз гардид: “Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол, ки заминаи эъмори давлати мустақили миллӣ ва пешравии тамоми ҷанбаҳои ҳаёти мардуми кишварро фароҳам овардааст, яке аз дастовардҳои муҳимтарини мо мебошад. Амалӣ намудани меъёрҳои Конститутсия ба мо имкон дод, ки пояҳои устувори ҷомеа ва давлатро созмон диҳем, сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллиро таҳким бахшем, рушди устувори иқтисодии кишварамонро таъмин намоем, барои ҳар як шаҳрванди мамлакат шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро муҳайё созем”.

Ҳамзамон, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар паёми имсолаи худ соли 2024-ро «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон намуданд, ки барои тамоми ҳуқуқшиносон намоди хушҳолӣ буда, масъулиятро дар самти рушду таолии донишҳои ҳуқуқӣ дар миёни аҳолӣ ва ниҳодҳои ҷомеаи маданӣ афзун менамояд.

Эълон гардидани “Соли маърифати ҳуқуқӣ” дар ҳаёти иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ, сиёсӣ ва ҳуқуқии Тоҷикистон саҳифаи наврo боз менамояд. Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои боз ҳам баланд гардидани фарҳангӣ ҳуқуқӣ ва камолоти фарҳангии аҳолӣ, шуури ҳуқуқӣ ва тарбияи ҳуқуқии мардуми кишвар соли ҷориро “Соли маърифати ҳуқуқӣ” эълон намуданд, ки умедворем дар ин сол тамоми масъулин, ҳуқуқшиносон, ВАО, барои боз ҳам сохтани як ҷомеаи мутаҳҳиди маданӣ ва давлати ҳуқуқбунёди миллӣ камари ҳиммат мебанданду дар ин масир қадамҳои устувор мегузоранд.

Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон борҳо дар суханрониву мулоқот ва суҳбатҳои худ зикр намуданд, ки баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аъзои ҷомеа, дар замири ҳар шаҳрванд парваридани ҳисси масъулият барои пешрафти кишвар, эҳтироми амиқ ба арзишҳои фарҳангиву зеҳнии миллат, шинохт ва арҷгузориву риояи ҳуқуқи инсон шарти аслӣ ва ҳатмии давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ мебошад.




Таъмини волоияти қонун ва риояи ҳатмии ҳуқуқу уҳдадориҳои шаҳрвандон омили асосии пойдории тартиботи ҷамъиятӣ, сулҳу субот ва оромию осоиши ҷомеаи маданӣ мебошад. Бинобар ин, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ дар замони муосир аз аҳамияти сутург бархурдор буда, ба ташаккули дониш ва шуури ҳуқуқӣ ва камолоти фарҳанги ҳуқуқии аҳолӣ замина мегузорад. Эълон гардидани “Соли фарҳанги ҳуқуқӣ” бо ибтикори Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иқдоми муҳим ва арзишманд буда, метавонад дар такмил ва танзими қонунгузории кишвар, баланд бардоштани донишу тафаккури ҳуқуқии шаҳрвандон, қонуният, баробарӣ ва адолат асоси воқеӣ гузорад.

Бояд қайд намуд, ки бо мақсади баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ ва тавсеа ёфтани донишҳои конститутсионии шаҳрвандон соли 2009 аз ҷониби олимону мутахассисони варзидаи ҷумҳурӣ тафсири илмиву оммавии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯи чоп омад. Донистану дарк намудани қонуни асосии кишвар ва эҳтирому риояи меъёрҳои он вазифаи конститутсионии ҳар фарди бо нангу номуси диёр буда, нақши ин санади олии ҳуқуқӣ дар баланд намудани маърифати ҳуқуқӣ, сиёсӣ ва фарҳангии ҷомеа муассир мебошад.



**Маҳкам МАҲМУДЗОДА**
**академики АМИТ, д.и.х.,**
**профессори кафедраи ҳуқуқи мадании**

Дар робита ба ин масъала Фармони президенти ҶТ ба тавсиб расида, мувофиқи фармони мазкур соли 2024 “Соли маърифати ҳуқуқӣ” эълон гардид. Дар банди дуюми фармон Ҳукумати ҶТ муваззаф гардид, ки доир ба амали созии ин нуктаи Паём тадбирҳои муассир андешад.

Агар мо паёмҳои қаблии Президенти ҶТ-ро мурур намоем, дар мавриди рушди қонунгузорӣ, такмили низоми ҳуқуқии ҷумҳурӣ масъалагузориҳои пайваста пешбинӣ шуда буданд, вале дар Паёми имсола бори нахуст дар Тоҷикистон соли маърифати ҳуқуқӣ эълон гардид, ки сабабҳои зерин дорад:

1. Аз рӯзҳои аввали ба даст овардани Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳукумати кишвар, Роҳбарияти олии мамлакат барои сохтани давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ, ягона ва иҷтимоӣ ҷораҳои зарурӣ андешиданд. Ин раванди давлатсозӣ албатта бе донистани қонун, бемасъулияти иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқӣ имконнопазир аст, бинобар ин так-таки аҳолии кишвар вазифадор мебошанд, ки қонунҳоро риоя ва эҳтиром намоянд.

2. Баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ барои инкишофу такмили қонунгузорӣ таъсири мусбат мерасонад, зеро ҳар чи қадаре, ки маърифати ҳуқуқӣ, яъне донишҳои ҳуқуқӣ, эҳтиром гузоштан ба ҳуқуқ ва қонун, риояи бечунучарои қонунҳо дар кишвар рушд намоянд, мо ба ҳадафҳои конститутсионии хеш саритар мерасем.

Дар баробари ин бояд гуфт, ки таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, риояи принсипҳои демократӣ, қонуният, баробарӣ ва

# БАРДОШТАНИ ДОНИШҲОИ ҲУҚУҚИИ АҲОЛӢ

танзими самараноки муносибатҳои ҷамъиятӣ тавассути санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бе мавҷудияти маърифати ҳуқуқӣ, тарбияи ҳуқуқӣ, фарҳанги ҳуқуқӣ ва шуурнокии ҳуқуқии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва фаҳмондани мазмуну муҳтавои ҳуқуқу озодиҳо ва вазифаҳои конунии шаҳрвандон ғайриимкон аст. Аз ин рӯ, дар шароити муосир масъалаи баланд бардоштани донишҳои ҳуқуқӣ ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти хело муҳим пайдо намудааст. Масъалаи баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ бо роҳи тарғиб ва ташвиқи донишҳои ҳуқуқӣ, таълиму тарбияи ҳуқуқӣ басо арзишманд буда, ҳадафи асосии онро таъмини волоияти қонун ва қонуният ҳуқуқӣ ташкил медиҳад. Ин масъала агар яз як тараф барои ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ва пешгириву бартараф кардани ҳуқуқвайронкуниҳо мусоидат намояд, аз тарафи дигар барои инкишофи озодонаи ҷомеаву давлат мусоидат менамояд, ки он дар маҷмуъ моҳияти асосии сиёсати имрӯзаи ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил мекунад.

Фармони президенти ҶТ "Дар бораи Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028" аз «6» феврали соли 2018, №1005 ба тасвиб расид, ки вобаста ба он дар ҷумҳурӣ нақаша чорабиниҳо дар самти ба амал баровардани нуктаҳои муҳими фаромони Президенти кишвар пешбинӣ шудаанд, ки аксарияти онҳо сол аз сол амалӣ шудаистодаанд.

Дар қонсепсияи мазкур бевосита қайд шудааст, ки бе таъмини волоияти қонун ва тартиботи ҳуқуқӣ ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, пешгирии ҷиноятҳои фаромиллӣ, таъмини рушди устувори иқтисодӣ ва иҷрои ҳадафҳои стратегии давлат – таъмини истиқлолияти энергетикӣ, амнияти озуқаворӣ ва раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ ғайриимкон аст.

Қобили зикр аст, ки барои сохтани давлати демокративу ҳуқуқбунёди миллӣ зарур аст, ки шахсони мансабдори давлатӣ, хизматчиёни давлатӣ ва ҷомеаи мадании кишвар дорои донишҳои баланди ҳуқуқӣ буда, ба ин васила эҳтиром ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ҳифзи манфиатҳои миллӣ-давлатӣ, ҳимояи ҳуқуқӣ озодиҳои инсон ва шаҳрванд, қонунияту адолат дучанд мегардад.

Ҳамзамон, дар Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 зикр шудааст, ки баланд бардоштани сатҳи маърифат ва шуури ҳуқуқии аҳолӣ, таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон яке аз самтҳои муҳими сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон махсуб мешавад ва ҳамчун фаъолияти мақомоти давлатӣ, муассисаҳо, ташкилотҳои ҷамъиятию сиёсӣ, шаҳрвандон оид ба муайян намудани мақсадҳо, вазифаҳо, афзалиятҳо, воситаҳо, шаклҳои тарбияи ҳуқуқӣ баромад намуда, тавассути таъмини сатҳи баланди маърифати ҳуқуқӣ, тарғиби ҳуқуқӣ, инкишофи илми ҳуқуқшиносӣ ва тарбияи кадрҳои ҳуқуқшиносони касбӣ амалӣ мешавад. Тарбияи ҳуқуқӣ ҷузъи ҷудонашавандаи сиёсати тарбиявии давлат буда, дар робита бо тарбияи сиёсӣ, ахлоқӣ, меҳнатӣ, эстетикӣ ва намудҳои дигар тарбияи инсон бояд анҷом дода шавад. Ташаккули инсони комил истифодаи якчояи ҳамаи намудҳои тарбияро талаб мекунад. Тарбияи ҳуқуқӣ бо дар назар доштани арзишҳои ахлоқӣ, фарҳанги миллӣ, мероси таърихӣ, одату арзишҳои миллӣ ба амал бароварда мешавад.

Албатта мардум ва ҷомеае, ки дорои маърифати ҳуқуқӣ мебошанд, ба ҳеҷ ваҷҳ ба ҳуқуқвайронкунӣ даст намезананд ва пайваста барои эътироф, риоя ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, тартиботи ҷамъиятӣ, волоияти ҳуқуқ ва бартарияти қонун, таъмини адолату ҳақиқат талош менамоянд. Маърифати ҳуқуқии аҳолии кишвар мабнӣ бар тадбиқи қонунгузорӣ ва риоя ва эҳтиром ба ҳуқуқу қонун гардида, дар самти амалигардидани меъёрҳои ҳуқуқӣ заминаи устувор мегузорад.

Барои баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ, фарҳанги ҳуқуқӣ ва камолоти фарҳангии аҳолӣ ва шахсони мансабдор, ҷоннок кардани корҳои тарғиб ва ташвиқи ҳуқуқӣ, зиёд гардидани нашрияи расмии иттилоотӣ-ҳуқуқӣ, ба таври густурда ба аҳолӣ ва ниҳодҳои ҷомеаи маданӣ дастрас намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ тавассути сомонаҳои интернетии расмӣ, такмили қонунҳо, рушди таҷрибаи илмию амалии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва ғайра нақши муҳим доранд

Инчунин дар баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон дар замони муосир роҳбурд ва василаҳои гуногун метавонад таъсиргузор бошад. Масалан:

1) ба роҳи рӯнамоӣ, шарҳ ва тафсири қонунгузории кишвар тавассути ВАО. Бо василаи барномаҳои вижа дар телевизионҳо, радио, шабакаҳои иҷтимоии интернетӣ имкони ба дарку фаҳмиши аҳолии кишвар расонидани донишҳои ҳуқуқӣ вуҷуд дорад. Бо ин роҳ фарҳанг ва шуури ҳуқуқии шаҳрвандон баланд гардида, маърифати сартосарии ҳуқуқиро дар кишвар таъмин мекунад;

2) мактиби олӣ ва миёнаи кишвар низ дар баланд гардидани маърифати ҳуқуқии аҳолии кишвар мавқеи устувор доранд. Дар мактиби таҳсилоти миёнаи умумӣ ҳанӯз аз синфи 8 барои хонандагон фанни «Асосҳои давлат ва ҳуқуқ» ва аз синфи 10 бошад, фанни «Ҳуқуқи инсон» тадрис дода мешавад. Дар мактиби олии кишвар бошад дар ҳама ихтисосҳо аз фанни ҳуқуқ дарс дода шуда, ҳамчунин факултетҳои ҳуқуқшиносӣ амал мекунанд, ки ҳамасола мутахассисони зиёди соҳаи ҳуқуқ ба камол мерасад. Раванди таълиму тарбияи ҳуқуқӣ дар баланд гардидани маърифати ҳуқуқӣ, камолоти фарҳангӣ ҳуқуқии аҳолӣ таъсири густурда мегузорад;

3) Руйи чоп омадани китобҳои дарсӣ, васоити таълимӣ, мақолаҳо дар рӯзномаву маҷаллаҳои даврӣ вобаста ба соҳаҳои гуногуни ҳуқуқ дар низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, тафсири қонунҳо, кодексҳо ва дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ низ метавонад дар баланд гардидани маърифати ҳуқуқии аҳолии кишвар саҳми муассир гузорад;

4) Баргузор намудани озмунҳо, конфронсҳо, ҷаласаҳои илмӣ, воҳӯриҳои бо иштироки васеи ҳуқуқшиносон, олимон, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ вобаста масъалаҳои мубрами низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба вижа қайд менамояд, ки «Мамлакате, ки дар он қонунро риоя ва эҳтиром намекунанд, рӯ ба таназзул меорад». Воқеан ҳам донистану дарк кадани ҳуқуқу вазифаҳои шаҳрвандӣ ба маърифати баланди ҳуқуқӣ оварда мерасонад. Ҳанӯз дар замони атиқа файласуфи Рими кадим Ситсерон (106-64 пм) ибрэз намуда буд: «Агар ҳоҳи озод бошӣ пас ғуломи қонун бош».

Воқеан ҳам авлавияти қонун дар ҳама ҷода боиси рушду таолӣ ва зисту зиндагии шоистаи мардум мегардад ва боварии халқро бо волоияти ҳуқуқ ва қонун меафзояд, ки дар натиҷа пояҳои ҷомеаи мадании мутамаддин устувор гардида, нигилизми ҳуқуқӣ аз байн меравад.

Масъалаи маърифати ҳуқуқӣ танҳо аз моҳияти ҳуқуқӣ иборат нест ё худ фақат мазмуни ҳуқуқӣ надорад, балки бо маҷмуи арзишҳои маънавӣ, аз қабили расму анъанаҳои милливу ахлоқӣ вобаста ба некию некӯкорӣ, шафқату дилсузӣ, ростӣ, ҳақиқат, покӣ, адолат ва дигар арзишҳои дар таърихи миллат исботшуда робитаи амиқ дорад. Барои ташаккули маърифати ҳуқуқӣ, бартарафсозии нигилизми ҳуқуқӣ, беэътиноӣ ва нобоварӣ нисбат ба қонун ва тартиботи ҳуқуқӣ баланд бардоштани донишҳои ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқӣ аҳамияти аввалиндараҷа дорад.

Имсол барои ҷомеаи мо ва шаҳрвандони кишвар як соли пур аз фурсатҳои хуб дар самти боло бурдани донишҳои ҳуқуқӣ буда, дар сурати таваҷҷуҳоти пайвастаи мардум ба ҳуқуқу уҳдадориҳои мадании хеш ва донистани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон асос барои баланд гардидани маърифати ҳуқуқӣ ва камолоти фарҳанги ҳуқуқии аҳолии кишвар мегардад. Зарур аст, ки шаҳрвандони кишвар дар ҳамкорӣ бо мақомоти давлатӣ барои сохтани ҷомеаи маданӣ ва давлати ҳуқуқбунёди миллӣ талош намуда, баҳри мустаҷоб гардонидани адолати иҷтимоӣ, тартиботи ҳуқуқӣ, речаи қонуният, ваҳдат ва амнияти миллӣ гомҳои устувор гузоранд.



*Тавре Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд намудаанд: “Воситаи нашъадор, ки яке аз сарчашмаҳои асосии маблағгузории терроризму экстремизм маҳсуб меёбад, аз ҷумла мушкилоти умдаи ҷаҳонӣ ба шумор меравад”. Имрӯз масъалаи воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ дар баробари терроризм ва экстремизм яке аз сарчашмаҳои таҳдид ба ҷомеаи ҷаҳонӣ ва бехатарии давлатҳо мебошад, ки бо истифодаи он метавон бе бурди ҷанг халқҳо ва миллатҳоро нобуд сохт. Боиси таассуф аст, ки мушкилоти воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропи яке аз хатари ҷиддӣ барои инсоният дар асри 21 боқӣ мемонад ва ба муътадилии иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсии давлатҳо ва минтақаҳои алоҳида таҳдид менамояд.*

# ТАҲДИДИ ХАТАРИ ВОСИТАҲОИ НАШЪАДОР ВА ЗАРАРИ ОН БА САЛОМАТИИ ИНСОН



**Сомон АМИРХОНОВ**
**донишҷӯи соли 4**

Воситаи нашъадор яке аз мушкилоти ҷиддитарини ҷомеаи муосир махсуб ёфта, истеъмол ва истифодабарии моддаҳои табиати наркотики дошта, муомилот ва ба фурӯш баровардани онҳо ба саломатӣ зарар расонида шарафу номуси одамонро паст карда, ҳазорҳо нафарро аз ҳаёт маҳрум сохта, оилаҳои онҳоро ба ғаму андӯҳ мубтало месозад.

Аз замоне ки олимон нишонаҳои нашъамандӣ ва таъсири онро дар ҷомеа муайян намудаанд, онро ҳамчун бемори маънидод намудаанд. Аз он ҷумла, мутахассиси соҳаи равоншиносии марбут ба нашъаманди Андрей Леонидович Лихтарников пешниҳод менамояд, ки ба нашъамандон чун бемор муносибат намоянд. Шахсони нашъаманд метавонанд ба бемориҳои зиёди табобатнашаванда гирифтор гарданд. Ин бемориҳо ба воситаи асбобу сӯзандорӯ ва истифодаи онҳо ба дигарон низ сироят мекунанд, хусусан ба аъзои оила ва дигар дусту наздикони шахси бемор. Ҳаёти шахси нашъаманд сахт тобеи нашъа шуда агар онро дигар истеъмол накунад, ӯро ба ҳалокат мерасонад. Бинобар ин шахси гирифтори буморији нашъамандӣ аз тамоми зиндаги бенасиб мемонад ва тамоми максаду нияти ӯ танҳо ба ҳар роҳе набошад, дарёфт ва истеъмоли нашъа мебошад. .

Бояд қайд намуд, ки нашъаманди дар бароабри дигар таҳдидҳо хавфноктар мебошад, зеро нашъамнд шахсест, ки ҳиссиёт надорад, вазъиятро дарк наменамояд, лекин қобилият дорад барои ба даст овардани миқдори лозими ин мавод дилхоҳ ҷиноятро содир намояд.

Таъсиси Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ниҳоди даврони соҳибистиқлолии кишвар, нишонаи саъю талошҳои бевоситаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бар зидди паҳншавии нашъаҷаллобию нашъамандӣ буда, дар таҷрибаи давлатҳои ҷаҳон ва Созмони Миллали Муттаҳид беҳамто арзёбӣ мегардад, ки имрӯз созмонҳои байналмиллалӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишварҳои хориҷӣ Агентии назорати маводи нашъаоварро ҳамчун шарики боэътимод ва босалоҳият эътироф менамояд. Бо ташаббуси бевоситаи Агентии назорати маводи нашъаовар дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чор Барномаи ягонаи мақсадноки давлатӣ ва ду Стратегияи миллии мубориза бар зидди гардиши ғайриқонунии маводи муҳаддир таҳия ва тасдиқ гардида, мавриди амал қарор дода шуданд.

Ҷиҳати густариши ҳамкориҳои байналмилалӣ бо ташаббус ва дастуру роҳнамоиҳои бевоситаи Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо 17 давлат созишномаҳои байниҳукуматӣ ва аз ҷониби Агентии назорати маводи нашъаовар 26 созишномаи байниидоравӣ дар соҳаи мубориза бо маводи нашъаовар ва пешгирии нашъамандӣ ба имзо расонида шудааст. Бо қаноатмандӣ метавон гуфт, ки Тоҷикистон сиёсати зиддимухаддиротии худро пайваста тақвият дода, яке аз хатарҳое мебошад, ки ба субъоту амнияти ҷомеа таҳдиди

# РОЛЬ ПРАВОВОЕ ПРОСВЕЩЕНИЕ В СТАНОВЛЕНИЕ ПРАВОВЫЕ ГОСУДАРСТВА

**“Повышение уровня правового просвещения населения является основным фактором становления правового государства, гражданского общества и обеспечения верховенства права”**

**Основатель мира и национального единства – Лидер нации, Президент Республики Таджикистан Эмомали Рахмон.**



**Сумайна КАБУТОВА**
**абитуриент**

Правовое просвещение играет ключевую роль в обеспечении стабильности и развития правопорядка в обществе. Это процесс, направленный на повышение правовой грамотности граждан, формирование у них понимания основных норм и принципов права, а также поощрение соблюдения законов и правил понимания. В современном мире правовое просвещение является неотъемлемой частью строительства демократического общества и гарантирования прав и свобод граждан. Оно способствует формированию правовой культуры, уважению законов, соблюдению правил поведения и норм морали. Кроме того, правовое просвещение способствует укреплению доверия к правовой системе, повышению эффективности правопорядка и снижению уровня преступности.

В сегодняшних условиях Республика Таджикистан реализует новый этап развития и прогресса, который с учетом новых общественных отношений, прежде всего, нуждается в правовом просвещении граждан. Таким образом, правовое просвещение считается одним из важнейших направлений политики Правительства республики и составляет основу построения гражданского общества, которое берет начало в Конституции Республики Таджикистан. Следует подчеркнуть, что формирование правового государства невозможно без развития образования и правового просвещения. Потому что, право является сутью любых общественных отношений в правовом государстве и обеспечивает верховенство закона и определенную правовую систему. Правосложное явление жизни общества, оно имеет разные аспекты, разные формы выражения.

В действительности право имеет обще-социальную сущность, служит интересам всех людей без исключения, обеспечивает средства организации, стабилизации и развития общественных отношений. При этом общая социальная сущность права конкретно выражается в его понимании как меры свободы. Человек действует свободно в пределах своих прав, и закон защищает свободу человека от любых негативных действий.

Одним из ключевых аспектов правового просвещения является повышение правовой грамотности населения. Каждый член общества должен глубоко понимать необходимость безусловного соблюдения закона, а подчинение закону должно войти в привычку каждого гражданина. Граждане должны знать свои права и обязанности, понимать основные нормы законодательства и уметь защищать свои интересы в рамках правового порядка. Правовое просвещение помогает людям осознать, что соблюдение законов необходимо не только для личной безопасности и благополучия, но и для общественной стабильности и развития. Это способствует формированию у граждан ответственного отношения к закону и сознательного соблюдения его положений.

Основными методами реализации правового просвещения являются образовательные программы, проведение семинаров, конференций, тренингов, разработка информационных брошюр и роликов о правах человека и основных нормах законодательства. Важно также использовать современные информационные технологии для распространения знаний о праве среди широкого круга населения.

Основной целью программ является соблюдение Конституции, правовых норм и развитие чувства ответственности и патриотизма, повышение уровня правового просвещения граждан, обеспечение доступности правовых методов и методов защиты прав и свобод человека и гражданина, пропаганда демократических ценностей, понимание единства прав, свобод и обязанностей человека и гражданина, обеспечение активного участия населения в политической, экономической и социальной жизни республики, повышение статуса закона, воспитание граждан в духе уважения к нему, повышение доверия общества к деятельности органов государственной власти.

Основатель мира и национального единства – Лидер нации, Президент Республики Таджикистан, уважаемый Эмомали Рахмон, начиная с 90-х годов, считал вопрос уровня знаний и правового просвещения граждан страны очень важным и актуальным. В этом контексте был подписан Указ Президент Республики Таджикистан от 9апреля 1997 года ‘‘О правовой политике и обеспечении правового просвещения граждан Таджикистана”. Данный указ принят в целях обеспечения верховенства закона, повышения уровня правового просвещения населения и предотвращения нарушения закона.

В Республики Таджикистан реализованы все необходимые меры по повышения правосознания различных слоев общества и принят ряд нормативных правовых актов в этом направлении. Например, Указ Президента Республики Таджикистан “Об усилении процесса демократизацииобщественного-политической жизни в республики” от 1 декабря 1999 года под № 2, Постановление Правительства Республики Таджикистан “О Программе Государственной системы образования в области прав человека в Республики Таджикистан” от 12 июня 2001 года под № 272, “Программа образования в области прав человека на 2013-2020 годы” от 3 декабря 2012 года под №272, “Программа правового воспитания и обучения граждан Республики Таджикистан на 2020-2030 годы”№678 и т.д.

Для достижения этих целей необходимо выполнение задач, которые заключаются в предотвращении нарушений законодательства, повышении эффективности деятельности государственных органов в направлении правового просвещения, обеспечении органов самоуправления городов и сел, местных органов государственной власти, в частности, правоохранительных органов, с широкодоступными для населения информационно-правовыми материалами о принятых нормативных правовых актов, совершенствования механизма обработки обращений естественных и юридических лиц как важный элемент повышения правового воспитания и обучения граждан на основе внедрения новых достижений науки и техники. Усиление общественного контроля, повышение правовой культуры руководителей организаций независимо от форм собственности, работников государственных органов, повышение правового просвещения граждан, в том числе детей и подростков, молодежи и студентов, государственных служащих и приравненных к нимлиц, эффективноеиспользование средств массовой информации и координация деятельности государственных органов, общественных объединений в процессе правового воспитания и обучения граждан.

Таким образом, правовое просвещение играет важную роль в обеспечении стабильности и развития правопорядка. Это процесс, который способствует формированию правовой культуры, повышению уровня правовой грамотности, укреплению доверия к правовой системе и снижению уровня преступности. Для успешной реализации правового просвещения необходимо использовать разнообразные методы и формы работы, а также преодолевать возможные препятствия на этом пути.





Зараф ЁРЗОДА
асистенти кафедраи ҳуқуқи нақлиёт ва ҳуқуқи истифодабарии сарватҳои табиӣ

# ТОҶИКИСТОН ВАТАНИ НАВРӮЗ АСТ

Ҳар як халқу миллат расму русум ва ахлоқу одатҳои ба худ вижаеро доранд. Халқи тоҷик ҳам ҳамчун дорандаи таърихи бостонию миллати тамаддунофар дорои суннату анъана ва чашну маросимҳое аст, ки бархе аз онҳо аз доираи ҷумҳуриявӣ берун баромада, ба худ манзалати байналмилаӣ касб кардаанд. Наврӯзу Тиргон ва Меҳргону Сада аз маъмултарин чашнҳои миллати тоҷик махсуб ёфта, дар ҳаёти моддию маънавии он нақши бориз бозидаанд. Дар байни чашнҳои мазкур Наврӯз ҳамчун рӯзи нахустини соли нав, яъне рӯзи эътидоли баҳорӣ - рӯзи баробарии шабу рӯз ва аз нав таваллуд шудани тамоми мавҷудот буда, ҳамеша дар навбати аввал ёд мешавад. Ба таъбири соҳибсухане:

**Рӯзест, ки дар умр наёбанд, чунин рӯз,**
**Солест, ки дар умр наёбанд, чунин сол.**
**Эй рӯз, чӣ рӯзӣ ту бад-ин зиннату ин зеб,**
**К-аз зиннату зеби ту дигар шуд, ҳама аҳвол.**

Наврӯз ҳамчун "сарчашмаи чашнҳо" таърихи қадимӣ дошта, таърихи он на танҳо ҳамчун як чашн, балки таърихи фарҳанги халқ буда, мазмуну мӯҳтавои болою воло соҳиб аст.

Ҳанӯз ҳазору сад сол муқаддам Фирдавсии бузургвор дар асари безаволи худ "Шоҳнома" доир ба пайдоиши чашни Наврӯз ва асосгузори он – Ҷамшеди Пешдодӣ чунин фармуда буданд:

**Ҷаҳон анҷуман шуд бари тахти ӯй,**
**Шигифтӣ фурӯ монда аз бахти ӯй.**
**Ба Ҷамшед-бар гавҳар афшонданд,**
**Мар он рӯзро рӯзи нав хонданд.**

Этимологияи калимаи "Наврӯз" далолатгари он аст, ки ин чашн хоси мардуми форсизабон буда, "зодгоҳаш Ориёи бостон, қалбаш Хуросони қадим ва гаҳвораш сарзаминест, ки ҳоло дар харитаи олам Тоҷикистон номгузорӣ шудааст".

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни яке аз баромадҳои хеш чунин ибрози ақида намуданд, ки «... мо ҳоло аз он хушнудем, ки тамоми халқҳои Осиёи Миёна дар рӯзи ин чашни фархунда ҳамдигарро бо ифодаи тоҷикии «Наврӯз муборак» табрик менамоянд. Ин нукта бори дигар тасдиқ менамояд, ки миллати мо дар тамоми таърихи худ нақши паҳнкунандаи тамаддунро бозидааст».

Воқеан, Наврӯз аз муқаддамтарину муборактарин ва азизтарину муқаддастарин чашнҳои миллии мо – тоҷикон ва дигар мардумони ҳавзаи Наврӯз маҳсуб меёбад, ки аз замонҳои қадим то ба имрӯз бо ғояҳои олии башарӣ – ваҳдату дӯстӣ, созандагию ободкорӣ, ватанпарварию инсонпарварӣ ва шукргузории бепоён аз неъматҳои табиату ҷамъият мардумро гирди ҳам овардааст. Ба қавли шоире:

**Наврӯз дар он ҷост, ки ёрон ҳама ҷамъанд,**
**Ёрон ҳама ҷамъанду ҳазорон ҳама ҷамъанд.**

Чашни Наврӯз дорои расму русум ва одату оинҳои зиёди зерине аст, ки ҳар як кадоми онҳо дорои ҳикмату фалсафа ва рамзу розҳои алоҳида буда, ҳар кадоме таърихи пайдоишу такомул ва тарзи таҷлили худро доро аст, ки ин ҷойгоҳу мазалат ва мақому мавқеи бузурги чашни Наврӯзро дар фарҳанги миллати тоҷик собит мекунад: гулгардонӣ, чоршанбеи охир, хонатаконӣ, пӯшидани либосҳои наву тоза, додани дастовез ба кӯдакону наврасон, пошидани обу чашонидани ширинӣ, дастархони наврӯзӣ (7 «шин»-у «син» ва "мим"), суманакпазӣ, ҷуфтбаророн, ирсоли табрикномаҳо, айёдати пирону барҷомондагон, бахшиши гуноҳҳо, бурун кардани кинаҳо аз синаҳо, ташкил ва гузаронидани ҷорабиниҳои варзишӣ – футболу волейбол, вазнбардорию бандкашӣ, дастхобонию бузкашӣ, сагчангу кабкҷанг, хурӯсҷангу тухмҷанг, ба маърази намоиш гузоштани ҳунарҳои мардумию маҳсули ҳунарии дастони моҳир, аз қабили пухтани оши буридаю оши палав, далдаю шакаров, нишон додани кашидадӯзию зардӯзӣ, либосҳои гуногун, кандакории чӯбу асбобҳои мусиқӣ, қолинбофию намоиши китоб, инчунин ташкилу баргузории озмунҳои минтақавию ҷумҳуриявӣ, амсоли «Маликаи Наврӯз», "Кадбонуи беҳтарин", «Паҳлавони наврӯзӣ» ва ғайраҳо.

Наврӯзи оламафрӯзи тоҷикон рӯзгори одамонро пайваста поку ғанӣ ва сабзу хуррам нигоҳ медорад ва ҳамеша ба сарзаминҳои нав ба нав доман паҳн кардаю густариш ёфта, байналмилаӣ гардидааст, ки дар ин ҷода хизматҳои бесобиқаи Пешвои миллати тоҷик, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро метавон таъкид кард. Маҳз бо пешниҳоди Пешвои муаззами миллат дар ҳамкорӣ бо намояндагони дигари кишварҳои ҳамҷавору ҳамхун, ҳамсояю ҳамзабон ва дӯсту бародари мо 23 феврали соли 2010 дар Иҷлосияи 64-уми Маҷмааи Умумии Созмони Милали Муттаҳид, тахти фасли 49, ки унвони «Фарҳанги сулҳ»-ро дошт, қатъномаи «Рӯзи байналмилалии Наврӯз» ба тасвиб расид, ҳамасола дар тамоми ҷаҳон 21 март таҷлил мегардад, ки ин худ гувоҳи амонию амнияти, сулҳу салоҳ ва мутаҳҳидию якҷоягӣ аст ва мебошад. Ба таври расмӣ эътироф шудани ин чашни тоҷикон ба сифати як падидаи фарҳанги ҷаҳонӣ дар шароити имрӯза бори дигар исбот менамояд, ки тоҷикон воқеан, аз зумраи он халқҳое мебошанд, ки дар тамаддуни ҷаҳонӣ саҳми муносиб доранд. Мо бояд ифтихорманд аз он бошем, ки ин мероси гаронбаҳои гузаштаи худро на танҳо аз ҳаводиси рӯзгор ҳифз намудем, балки онро ба чашни байналмилаӣ табдил додем, ки феълан зиёда аз 400 млн. одамон онро таҷлил ва гиромӣ медоранд.

Тоҷикистони озоду ободи мо Наврӯзи имсоларо хеле хотирмон ва бошукӯҳи хос чашн мегирад, зеро имсол 27-умин солгарди Рӯзи Ваҳдати миллӣ ва 33-юмин солгарди Истиқлоли давлатӣ мебошад. Ин се чашн, яъне Наврӯзи ҷаҳонӣ, Ваҳдати миллӣ ва Истиқлоли давлатӣ бо ҳамдигар чун ҷону тан ба ҳам пайванданд. Агар мардуми тамаддунофари мо ба расму оини наврӯзӣ, ки бахшидани гуноҳону дур афкандани кинаву адоват ва душманию рақобат пайравӣ намекарданд, истиқлолу худшиносӣ ва сулҳу ваҳдати миллӣ дар Тоҷикистон азизи мо ба вуҷуд намеомад. Аз тарафи дигар, агар Истиқлоли давлатию Рӯзи Ваҳдати миллӣ намебуд, Наврӯзи оламафрӯз бо ин ҳама шукӯҳу шаҳомат дар сарзамини мо таҷлил намегардид. Бинобар ин, ба хотири боз ҳам мустаҳкам гардидани сулҳу субот ва ваҳдату ҳамдигарфаҳмӣ ҳар як фарди бонангу номуси кишварро лозим аст, ки бунёдкорию созандагиро ба меъёри зиндагии ҳамарӯзаи худ табдил дода, минбаъд низ бо неруи дучанд барои ободонии Ватани азизамон саъю талоши бесобиқа намояд.



Наврӯзи имсола боз аз он ҷиҳат хотирмону ҷолиб ба шумор меравад, ки он оғози соли 2024 мебошад ва Пешвои муаззами миллат ин солро дар Паёми навбатии худ "Соли фарҳанги ҳуқуқӣ" эълон намуданд. Аз ин хотир, мо кормандони факултети ҳуқуқшиносиро лозим меояд, ки ҷавобан ба инӣ амали неки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷавонмардона кору фаъолият намуда, волояти қонун ва тартиботи ҷамъиятиро таъмин намуда, ворисони арзандаи ниёгони худ буданро исбот намоем ва бо ҳисси баланди миллӣ аз Ватан, миллат ва фарҳанги миллии хеш ифтихор намоем.

Дар интиҳо, ҳамаи шаҳрвандони кишвари азизамонро бо фарорасии баҳори нозанин ва чашни Наврӯзи байналмилалӣ табрику муборакбод намуда, ба якояки Шумо дар кору фаъолияти шахсию давлатию ҷамъиятиатон бароруу комёбиҳо ва дар татбиқи сиёсати хирадмандонаи Пешвои муаззами миллат муваффақиятҳои беназир орзу дорам. Бошад, ки Наврӯзи хуҷастапай ба манзилу коргоҳи Шумо файзу баракат ато намояд:

**Наврӯзатон фирӯз бод!**
**Ҳар рӯзатон Наврӯз бод!**

## ТАЪЗИЯНОМА

Садорат, устодону кормандони факултети ҳуқуқшиносӣ ва идораи рӯзномаи «Минбари ҳуқуқшинос» ба мудири кабинети кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ Охунова Наргис бинобар вафоти **ПАДАРАШ** изҳори тасаллият менамоянд.

# ЗАН ДАР СИЁСАТ ЧЕҲРА АСТ



Саодати ДАВЛАТ
Донишҷӯи соли 1

Ба шарофати сиёсати собиткадамонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар кишвари соҳибистиқлоли мо бонувон мақому мартабаи хоса дошта, озоду комилҳуқуқ мебошанд ва тахти ҳимояи давлат қарор доранд. Таваҷҷуҳи сатҳи олии сарвари давлат ва масъалаи баланд бардоштани мақоми занон дар ҷомеа ва вазифаҳои роҳбарикунандаи давлатӣ ҷалб намудани бонувони фаъолу лаёқатманди ҷумҳурӣ боиси сарфарозиву нишоти куллии бонувони кишвар мебошад. Доир ба ин масъала сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни чандин баромадҳои хеш иброз доштанд: “ Мо минбаъд низ амалӣ намудани фармони Президенти мамлакат доир ба баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа чораҳои зарурӣ андешида, занону бонувони лаёқатмандро ба вазифаҳои давлативу роҳбарӣ ҷалб мекунем.”

Дар заминаи таваҷҷуҳи бевоситаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар замони муосир шумораи занону бонувон дар шохаҳои ҳокимияти давлатӣ, аз ҷумла, мансабҳои сиёсию ҳуқуқӣ бештар гардиданд. Ҷиҳати иҷрои дастуру супоришҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки санаи 6-уми марти соли 2015 дар маҷлиси тантанавӣ бахшида ба Рӯзи Модар ва эълон гардидани соли 2015 “Соли оила” баён гардидаанд, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми апрели соли 2017 тахти №158 “ Барномаи давлатии тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби занону духтарони лаёқатманд барои солҳои 2017-2022” қабул карда шуд.

Дар тӯли таърих занон бироdaву дурандеш, хирадманду закӣ ва боистеъдод бо хидояту пайкории хеш тавонистанд зиндагии худ ва атрофиёнро мунаввар карда, ба замону ҳамзамонон исбот намоянд, ки маҳз ақлу заковат, иродаву фазилат ва маърифату хонадории зан, сутуни давлат ва пойдевории зиндагии ҳар хонадонро побарҷо месозад. Дар ҷомеа, ки зан мақоми созандаву зиндагии шоиставу солим дошта бошад, он кишвар ар рушду тараққиёт қарор дорад. Дар воқеъ зан оинаи оила ва миллат аст қалби пурэҳсоси зан саршори меҳру вафост.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунҳои амаликунандаи кишвар натанҳо баробарҳуқуқии занро кафолат медиҳанд, балки барои бонувон вобаста ба масъалаҳои таҳсил, меҳнат, тандурстӣ ва таъмини иҷтимоии имтиёзҳо низ фароҳам меоваранд. Ҷиҳати амалисозии ин кафолатҳо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-юми декабри соли 1999 тахти №5 “Дар бораи баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа” қабул гардид, ки барои тадбирҳои таъмини фаъолияти бонувон дар кулли сохторҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ хидматӣ сазовор намуд. Дар ин санади муҳим таъкид мегардад, ки ин амал на танҳо барои озодии бонувон, балки солимии ҷомеа, солимии насри нави миллат ва маҳфуз доштани генофонди халқиии мо бениҳоят муҳим мебошад. Ба сохторҳои давлатӣ тавсия гардид, ки мутобиқи қобилияту истеъдод ва салоҳияти касбиашон бонувонро ба вазифаҳои роҳбарикунандаи мақомоти давлатӣ, вазоратҳо, корхонаҳои давлатӣ, мақомоти олӣ ва дигар муассисаҳои маориф пешбарӣ намоянд.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо” марҳилаи нави муҳим дар бобати таҳкими ҳуқуқи зан дар ҷомеа гардида, ҳуқуқҳои занонро дар соҳаҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ таҳким бахшид.

Ҷумҳурии мо дар байни давлатҳои ИДМ кишваре мебошад, ки бештар аз ҳама ба мақоми зан аҳамият дода, консепсияҳои байналмилалии ҳуқуқҳои сиёсии занонро тасдиқ намудааст. Имрӯз бонувон баробари мардон дар сиёсат ва идоракунии давлат мақомоти ҳифзу ҳуқуқ ва дигар сохторҳо фаъолият доранд. Масъалаи баробарии гендерӣ дар маркази таваҷҷуҳи Ҳукумати мамлакат қарор дорад. Таҷрибаи имрӯза нишон медиҳад, ки дар ҷомеаи Тоҷикистон бонувон бо дарки бештари масъулият дар корҳои сиёсӣ ва сохтори идории кишвар аз уҳдаи вазифаҳои худ ба хубӣ мебароянд. Занону модарони бонангу бономуси мо ҳарруз дар даврони ниҳоят мушкили оғози Истиқлолият ба хотири ҳифзи ҳуқуқи худ мисли гурдофаридҳо устувор истоданд ва дар таҳкими рукнҳои давлат ва ваҳдати миллӣ саҳми арзишманд гузоштанд. Имрӯз зан модари тоҷик сиёсатмадор, роҳбари кордон ва намояндаи аслии сиёсат аст. Беҳуда нест, ки мегӯянд: “Зан- дар сиёсат чеҳра аст”.

# НАВРӮЗ –ҶАШНИ СУРУРИ МИЛЛӢ



Убайдулло ОДИНАЕВ
ассистенти кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ

**Ҷашни Наврӯз, ки имрӯзҳо ба хонадони ҳар як сокини кишвари маҳбуби мо бо қадамҳои сабзу баҳоронаи худ ба меҳмонӣ омадааст, дар миёни дигар ойину маросимҳои мардуми мо аз ҷумлаи куҳантарин ва азизтарин суннатҳои миллӣ мебошад.**

**Эмомалӣ Раҳмон**

Асри XXI-ро метавон асри таҳаввулот ном бурд. Аз ин таҳаввулоти пуршиддат халқ ва миллате метавонад беосеб ва содда раҳо шавад, ки дирӯз ва имрӯзи худро хуб мешиносад. Шинохти дирӯз ва имрӯз имконият фароҳам меоварад то ба насли баъдӣ миллати пурнур ва соҳибтаърихро мерос гузошт.

Ҷойи шак нест, ки миллати тоҷик таърих ва фарҳанги бой, ки асрҳоро убур мекунад, дорост. Халқи тоҷик хушбахттарин халқ аст, ки бо талош ва заҳматҳои бедордилони гузаштаву имрӯзаи худ таърих ва фарҳангашро аз хазорҳо набард эмин нигоҳ дошт ва имрӯз ба ҷомеаи ҷаҳонӣ исбот намуд, ки таърихи беш аз 5500 сола моли ӯст. Яке аз нишонаҳои бозгӯкунандаи таърих ва фарҳанги миллати тоҷик Ҷашни Наврӯз махсуб меёбад.

Халқ бо Ҷашни Наврӯз, ки аз оғози рӯзгори нав, орзӯю омоли нав мужда меорад, эътиқоди хоса дошта, бо як ҷаҳон меҳру муҳаббат ва умедвориҳо ба он менигаранду онро бо тамоми сифатҳои ба худ хосаш истиқбол мегиранд. Наврӯз ба мардум ҷону рӯҳи тоза мебахшад, мардумро ба рӯзи неку саид умедвор мекунад, дар дили мардум майсаҳои умеду орзуҳои ширинро месабзонад, дили мардумро нисбат ба зиндагӣ, ба ҷаҳон, ба табиат гармтар месозад. Аз ин ҷост, ки одамон Наврӯзро бо эҳтироми баланд, самимияти хоса, дар фазои тозаю беғубор, дар ҳалқаи дӯстону пайвандон, бо шодию сурур, бо нозу неъмати фаровон пешвоз мегиранд, то ки то ба Наврӯзи дигар ҳамчунон муштиқу меҳрубон, сарфарозу шукӯҳманд, орому осуда ва дар фаровонӣ ба сар баранд.

Наврӯзро халқи тоҷик дар замони қадим бо тамоми расму оинҳояш ва ба таври густурда таҷлил менамуд. Дар замони Иттиҳоди Шӯравӣ ид намудани ин мероси гаронбаҳои фарҳангиву миллиро манъ намуданд. Бо вуҷуди чунин маҳдудият мардум харгиз аз таҷлили оғози тамаддуни хеш бо нишона аз Наврӯз худро канор намегирифт ва онро на ба таври бошукӯҳ, балки дар доираи маҳалҳо қайд менамуд, ки ин замина барои ба таври бегазанд ба мо расидани Наврӯз шудааст.

Таҷлили ин ҷашн аз замонҳои қадимтарин то ба имрӯз ҷузъи таркибии ҳастиву ҳуввияти тоҷикон ва дигар мардумони ҳавзаи он ба ҳисоб меравад. Наврӯз айёми тавозуни рӯзу шаб буда, баробари эҳёи куллии табиат ба инсон рӯҳу равони тоза мебахшад, ӯро ба рӯзи неку рӯзгори обод ва пешрафту созандагӣ ҳидоят мекунад.




Нишона аз мероси гаронбаҳои мардуми тоҷик ва бо ташаббусҳои пайвастаи Тоҷикистон 30 сентябри соли 2009 Наврӯз ба феҳристи Кумитаи ҳифзи мероси фарҳангии СММ, ҳамчун ёдгории ғайримоддии фарҳанги башарият дохил шуд. Таърихи 18-уми феврали соли 2010 дар ҷаласаи 64-уми Ассамблеяи Генералии СММ, тахти фасли 49, ки унвони “Фарҳанги ҷаҳон”-ро дошт, қарорномаи “Рӯзи ҷаҳонии Наврӯз” ба тасвиб расид, ки дар заминаи он ҳамасола дар тамоми ҷаҳон 21-уми март ҳамчун Рӯзи байналмилалии Наврӯз ҷашн гирифта мешавад.

Маълумоти матраҳшуда гувоҳи онанд, ки Тоҷикистон дар саромади кишварҳои ташаббускори ҷаҳонӣ гаштани Наврӯз қарор дошта, онро ҳамчун мероси фарҳангияш ҳамеша пос медорад ва бо тамоми нозукиҳояш ба насли оянда мерос хоҳад гузошт. Кӯшишу заҳмати Тоҷикистон барои ҷаҳонӣ гаштани Наврӯз ба он хотир буд, то исбот намояд, ки он моли тоҷик буд, ҳаст ва хоҳад монд ва ҷомеаи ҷаҳонӣ дар шинохти Наврӯз харгиз ба хатогӣ роҳ надиҳанд. Наврӯзи тоҷиконро ба тамоми ҳамватанон ва аҳолии сайёра самимона табрик менамоям.